**Конфронси 3-юми байналмилалии сатҳи баландоид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028.**

10-13 июни 2024 с., ш. Душанбе, Тоҷикистон

**НАМОИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ**
**«Нигоҳи нав ба арзиши об»**

## Муқаррароти асосӣ

Дар рӯзҳои баргузории Конфронси 3- юми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028 Намоишгоҳи байналмилалӣ таҳти унвони «Нигоҳи нав ба арзиши об» ташкил ва баргузор хоҳад шуд.

**Давраи баргузорӣ:** 10-13 июни соли 2024 г.
**Макони баргузорӣ:** Маҷмааи давлатии «Кохи Сомон»

## Ҳадафҳои намоишгоҳ

Мақсад аз баргузории Намоишгоҳ мусоидат намудан ба баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ оид ба чораҳои андешидашаванда ва муваффақияти бадастомада дар раванди татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» тавассути намоиши фаъолиятҳо ва натиҷаҳои бадастомада, донишҳои замонавӣ, таҷрибаҳои беҳтарин ва дастовардҳои илмӣ дар соҳа захираҳои об мебошад. Ҳамчунин, Намоишгоҳ ба тақвият ва рушди минбаъдаи ҳамкориҳо байни ҷонибҳои манфиатдор, ҷорӣ намудани усулҳо, методҳо, техника ва технологияҳои нави инноватсионии идоракунии устувори захираҳои об равона гардидааст. Илова бар ин Намоишгоҳ мақсад дорад, ки байни ҷонибҳои гуногуни манфиатдор муносибатҳои зиччи кориро барқарор намояд.

## Мавзӯи намоишгоҳ

Намоишгоҳ таҳти унвони «Нигоҳи нав ба арзиши об» баргузор мешавад. Он ба масъалаҳои ҳамкорӣ ва шарикӣ дар соҳаи об дар сатҳи маҳаллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ, истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои об, коҳиш додани хатарҳои офатҳои табиии вобаста ба об, таъсири тағйирёбии иқлим ба захираҳои об, рушди гидроэнергетика, ҷорӣ намудани техналогияҳои нави сарфакунандаи об ва ғайра таваҷҷуҳ менамояд.

## Ширкаткунандагони эҳтимолӣ

Ширкаткунандагони Намоишгоҳ метавонанд, ташкилотҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ, институтҳои молиявӣ, вазорату муассисаҳои миллӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилоти ғайриҳукуматӣ, ширкатҳои хусусӣ, муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ-тадқиқотӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдор, бошанд.

## Шартҳои пешниҳоди ғурфаи намоиҳӣ

Ба ҷонибҳои манфиатдор ғурфаҳои намоишии колибӣ 1 м2 бо арзиши 25 Доллари ИМА иҷора дода мешавад.

## Мушаххасоти ғурфаҳои намоишии пешниҳодшуда

Се намуди ғурфаҳои намоишии қолибӣ мавҷуданд: **Намуди А** – бо масоҳати 9м$^2$ (3х3), **Намуди В** – бо масоҳати 8м$^2$ (4х2) и **Намуди С** – бо масоҳати 10м$^2$ (5х2). Маҷмуъи ғурфаи намоишии стандартӣ дар бар мегирад(ҳар се намуд):

- соҳтори ғурфа;
- миз – 1 д.;
- курсӣ – 2 д.;
- “спот”- чароғҳо – 4 д.;
- розеткаҳои электрикӣ – 1 д.;
- сабади партовҳо – 1 д.

Тарҳи ғурфа замима мешавад (замимаи 1).

## Бақайдгирӣ барои иштирок дар намоишгоҳ

Барои иштирок дар Намоишгоҳ намоишгаронро мебояд варақаи дархостиро пурра намуда, онро то санаи 1 апрели соли 2024 ба Котиботи Конфронс пешниҳод намоянд. Котибот намоишгаронро вобаста ба қабули дархости онҳо дар давоми 5 рӯз огоҳ менамояд.

## Ҷойгиршавии ғурфаҳои намоишӣ

Ғурфаҳо дар павилиони Намоишгоҳ бо назардошти шаклу тарҳи маводҳои намоишдодашавандашон ҷойгир карда мешаванд. Котиботи Конфронс дар бораи макони ҷойгиршавии ғурфаашон ба намоишгарон то санаи 1 июни соли 2014 хабар медиҳад.

## Талаботҳо оид ба ҷойгиркунӣ ва баровардани маводҳои намоишӣ

Намоишгарон бояд экспонатҳои худро (ғурфа) то санаи 9 июни соли 2024 ба намоиш гузоранд. Баровардани экспонатҳо танҳо пас аз 13 июни соли 2024 (пас аз анҷоми Конфронс) иҷозат дода мешавад.

## Ӯҳдадориҳо


Намоишгарон ӯҳдадоранд, ки ғурфа ва экспонатҳои худро ҳифз намуда, хавфи зарару осеб расидан ба онҳоро паст намоянд. Котиботи Конфронс барои зарар, шикастан ва дигар нуқсонҳое, ки аз ҷониби худди намоишгарон расонида мешавад, ҷавобгар нест.


## Масъалаҳои дигар

Намоишгарон ба Котибот матнеро, ки дар пешорӯйи ғурфа бояд ҷойгир карда шавад, равон мекунанд. Номгузории ғурфаҳо (Name Plate) аз ҷониби Котибот ба таври ройгон амалӣ карда мешавад. Тибқи зарурат Котиботи Конфронс метавонад намоишгаронро бо таҷҳизоти иловагӣ таъмин намояд. Нарх ва тартиби интиқол иловатан баррасӣ карда мешавад.


# Приложение 1. Схемы стендов (Тип А, Б, С)


## Тип А




# Тип Б



# Тип С

